# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи Сангов Бобохон Чиллаевич дар мавзӯи "Ҷанбаҳои муосири сирояти урогениталии хламидиявӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд)", ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ пешниҳод карда шудааст.**

**Аҳамияти таҳқиқот.** Дар сохтори сироятҳои бо алоқаи ҷинсӣ гузаранда хламидиози урогениталӣ яке аз паҳншудатарин дар ҷаҳон аст. Дар зиёда аз 20% ҳолатҳо, сабаби уретритҳои ғайригонококкӣ дар мардон сирояти хламидиявӣ мебошад. Табобати хламидияи урогениталӣ, алахусус бо шаклҳои музмин, даврӣ ва мураккаб, вазифаи душвор аст. Бояд қайд кард, ки тадқиқоти дақиқе оид ба мушкилоти ХУГ дар байни мардони гурӯҳи хатари баланд, ки муҳоҷирони меҳнатиро дар бар мегиранд, гузаронида нашудааст.

Тибқи маълумоти автореферат, дар рисолаи Сангов Б.Ч. баъзе ҷанбаҳои патогенез ошкор карда шудаанд, хусусиятҳои ҷараёни клиникӣ омӯхта шуда, усулҳои нави табобати хламидиози урогениталӣ дар мардони гурӯҳи хатари баланд пешниҳод карда шуданд, ки ин бешубҳа муҳим ва саривақтӣ буда, аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дорад.

Навоварии илмии рисола дар он аст, ки унвонҷӯ тадқиқоти зиёди клиникӣ ва озмоишгоҳӣ гузаронидааст ва бори аввал муайян кардааст, ки ихтилоли иммунологӣ дар беморони гурӯҳи хатари баланд нисбат ба гурӯҳи муқоисавӣ ба таври назаррас зоҳир гардидааст.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки муаллиф омилҳои минтақавии тиббӣ-иҷтимоӣ, ки ба зуҳуроти гурӯҳҳои хатари баланд мусоидат мекунад, муайян кардааст.

Дар асоси таҳқиқот унвонҷӯ усули нави табобати беморони гирифтори хламидиози урогениталиро бо истифода аз иммуностимулятори тимогар дар табобати маҷмӯӣ таҳия ва татбиқ кардааст. Исбот шудааст, ки

табобати маҷмӯии пешниҳодкардаи муаллиф дар беморони хламидиози урогениталӣ нишондиҳандаҳои клиникӣ ва параклиникии натиҷаҳои муолиҷаи бевосита ва дарозмуддатро дар муқоиса бо дигар усулҳои табобат хеле беҳтар менамояд.

Рисолаи Б.Ч. Сангов дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мебошад. Усулҳои таҳқиқот муосир буда, натиҷаҳо тибқи омор коркард мешаванд. Хулоса тибқи вазифаҳои гузоштташуда бароварда шудааст. Аён аст, ки муаллиф мустақилона кор кардааст, мақолаҳои нашргардида ҳама паҳлӯҳои рисоларо инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи Сангов Бобохон Чилаевич кори анҷомёфтаи илмӣ-амалӣ буда, ба вазифаи муҳими соҳаи тиб бахшида шудааст ва дорои навовариҳои илмиву аҳамияти амалӣ дорад. Бо муҳимият, навоварии илмӣ, ҳаҷми тадқиқот ва аҳамияти амалии натиҷаҳо, кори пешниҳодшуда ба талаботи "Низомномаи намунавӣ дар шӯроҳои диссертатсионӣ" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ карда шудааст, ки барои рисолаҳои номзадии илм аз рӯи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии пешниҳодгардида мебошад.

**Мудири кафедраи бемориҳои дарунии № 3,**
**Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино,**
**доктори илмҳои тиб** **Н.И. Мустафоқулова**

Имзои Н.И. Мустафоқуловаро тасдиқ мекунам
**Сардори раёсати рушди кадрҳои ДДТТ**
**ба номи Абӯалӣ ибни Сино,**
**номзади илмҳои тиб** **С. Абдуллоев**

Донишгоҳи Давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино * ШӮЪБАИ КАДРҲО